Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №95 (2922) | ЧОРШАНБЕ, 25 ИЮЛИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## Мулоқот бо Дабири кулли Созмони Паймони Неру Урбан Руснак

**20 июли соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон Дабири кулли Созмони Паймони Неру Урбан Руснакро ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот масоили ҳамкории Тоҷикистон бо ин созмони бонуфузи ҷаҳонӣ баррасӣ шуд.

- Тоҷикистон, ки дорои захираи бузурги энергетикӣ аст, бо ҳамаи кишварҳо ва созмонҳои манфиатдор, аз ҷумла Созмони Паймони Неру ҳавасманди густариши ҳамкорӣ аст, - изҳор дошт дар оғози сӯҳбат Эмомалӣ Раҳмон.

Урбан Руснак низ дар навбати худ имконот ва иқтидори энергетикӣ, хусусан гидроэнергетикии Тоҷикистонро «бузургу фаровон» номида, изҳор дошт, ки Созмони Паймони Неру ба рушди ҳамкории судманд бо Тоҷикистон ва мавриди баҳрабардорӣ қарор додани ин потенсиал манфиатдор аст.

Тавре Урбан Руснак иттилоъ дод, Созмони Паймони Неру талошҳои Тоҷикистонро доир ба мавриди истифода қарор додани имконоти энергетикӣ ва таъмини амнияти энергетикӣ дастгирӣ намуда, ба ин кишвар барои беҳсозии самарабахшии шабакаҳои баркӣ, баланд бардоштани савияи дониши мутахассисон ва рушди ҳамкории байналмилалӣ дар ин соҳа кӯмак мерасонад.

Таъкид гардид, ки имконоти иқтисодӣ, энергетикӣ ва наклиётию транзитии Тоҷикистон бояд ба нафъи кулли минтақа истифода шаванд.

Бино ба таъкиди Эмомалӣ Раҳмон, «ҳамаи лоиҳаҳои энергетикии Тоҷикистон бо назардошти манофеи тамоми кишварҳои минтақа тарҳрезӣ шудаанд ва мо ҳаргиз аз ғояҳои ба ҳамсоягон зиёновар пуштибонӣ намекунем».

*www.prezident.tj*

## Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба тағйир додани номи деҳаи Туятоши шаҳри Сарбанд ва номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон**

Пешниҳодоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи пешниҳодоти Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон «Оид ба тағйир додани номи деҳаи Туятоши шаҳри Сарбанд» таҳти № 327 аз 30 июни соли 2012 ва «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Ёвон» таҳти № 328 аз 30 июни соли 2012 баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 23 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Номи деҳаи Туятош ба деҳаи Истиқлоли деҳоти Ваҳдати шаҳри Сарбанд

Номи деҳаҳои зерини деҳоти Норини ноҳияи Ёвон:

деҳаи Одоқ-Қайнар ба деҳаи Наврӯз

деҳаи Эшма-боғ ба деҳаи Баҳор

деҳаи Эшма ба деҳаи Пахтакор

тағйир дода шаванд.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**

**ш. Душанбе, 19 июли соли 2012 №401**

## Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба тағйир додани номи деҳаи Миденшори деҳоти Поршиневи ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба деҳаи Ваҳдат ва ба категорияи шаҳрак мансуб донистани он**

Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон «Оид ба тағйир додани номи деҳаи Миденшори деҳоти Поршиневи ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба деҳаи Ваҳдат ва ба категорияи шаҳрак мансуб донистани он» баррасӣ намуда, мутобиқи моддаҳои 14, 17, 22 ва 23 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Номи деҳаи Миденшори деҳоти Поршиневи ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба деҳаи Ваҳдат тағйир дода шуда, он ба категорияи шаҳрак мансуб дониста шавад ва тарҳаш мувофиқи Нақшаи замимагардида муқаррар карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**

**ш. Душанбе, 19 июли соли 2012 №404**

## Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба тағйир додани номи деҳоти Дӯстии шаҳри Ваҳдат**

Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Ваҳдат «Оид ба тағйир додани номи деҳоти Дӯстӣ» таҳти № 330 аз 30 июни соли 2012 баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 23 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Номи деҳоти Дӯстии шаҳри Ваҳдат ба деҳоти Карим Исмоилов тағйир дода шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**

**ш. Душанбе, 19 июли соли 2012 №403**

## Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи интихоби намояндаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Худоёров Бахтиёр Таварович намояндаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**

**ш. Душанбе, 19 июли соли 2012 №411**

## Тоҷикистон ба таҳия ва қабули Стратегияи нави Иттиҳоди Аврупо дар минтақа манфиатдор аст





**23 июли соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон Намояндаи махсуси навтаъини Иттиҳоди Аврупо оид ба Осиёи Марказӣ Патрисия Флор ва ҳамтои собиқи ӯ Пйер Морелро ба ҳузур пазируфт.**

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон хонум Флорро бо оғози иҷрои ин вазифаи пурмасъулият табрик гуфта, ба ӯ барору комёбӣ хост ва ба собиқ Намояндаи махсуси Иттиҳоди Аврупо оид ба Осиёи Марказӣ Пйер Морел барои фаъолияти пурсамараш арзи сипос кард.

Аз рушди мунтазам ва густариши рӯз ба рӯзи муносибатҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо изҳори қаноатмандӣ карда шуд.

Ба натиҷаҳои силсилаи сафарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва Парлумону Шӯрои Аврупо ва дигар мулоқоту музокироти мунтазам баҳои баланд дода шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба ҷараёни татбиқи Созишномаи ҳамшарикӣ ва ҳамкорӣ ва Стратегияи Иттиҳод барои Осиёи Марказӣ барои солҳои 2007-2013 баҳои мусбӣ дода, изҳор дошт, ки «Тоҷикистон ба таҳия ва қабули Стратегияи нави Иттиҳоди Аврупо дар минтақа манфиатдор аст».

Дар ин замина густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, тандурустӣ, маориф ва рушди иқтисодиёт, аз ҷумла бахши хусусии он, тиҷорат ва сармоягузорӣ, бахшҳои мухталифи саноат, гидроэнергетика, нақлиёт ва кишоварзӣ ва дар таъмини волоияти қонун ва ҳуқуқу озодиҳои инсон зарур шумурда шуд.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки ҳамгироии байналмилалии Тоҷикистон ба бартарафсозии монеаҳои сунъӣ дар роҳи рушди ҳамкории минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ мусоидат менамояд.

Баррасии авзои кунунӣ ва дурнамои Афғонистони ҳамсоя ҳам аз мавзӯъҳои асосии сӯҳбат буд.

-Вобаста ба Афғонистон ҳадафи аслии сиёсати хориҷии давлати Тоҷикистон таъмини сулҳу субот, амният ва истиқрори ҳаёти осоишта дар ин кишвар мебошад ва мо омодаем, ки баҳри расидан ба ин ҳадафҳо ҳамкории созандаро бо шарикони байналмилалии худ идома диҳем, - изҳор дошт Эмомалӣ Раҳмон.

Дар ин робита татбиқи лоиҳаҳои муштараки дорои аҳамияти минтақавӣ дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла энергетика, нақлиёт ва коммуникатсия амри зарурӣ дониста шуд.

Гуфтугӯйи созанда, ҳамчунин доир ба дигар мавзӯъҳои мавриди таваҷҷуҳ сурат гирифт.

*www.prezident.tj*

## Хабари фаврии ВКД ва КДАМ

***Душанбе, 24 июл. (АМИТ «Ховар»)*** - Тавре ки хабар дода будем, рӯзи 21 июли соли ҷорӣ, соати 17[30] дақиқа ҳангоми бозгашт аз сафари хизматӣ аз ноҳияи Ишкошим дар даромадгоҳи шаҳри Хоруғ генерал-майор Назаров Абдулло Саъдуллоевич - сардори Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бар асари ҳамлаи ногаҳонии гурӯҳи муташаккили ҷиноӣ ваҳшиёна ба ҳалокат расонида шуд.

Тафтишоти пешакӣ муайян кард, ки ҷинояти мазкур аз ҷониби аъзои дастаи мусаллаҳи ғайриқонунии Айёмбеков Толиб, истиқоматкунандаи шаҳри Хоруғ-сардори қитъаи сарҳадии Ишкошим содир гардидааст.

Айёмбеков Толиб ва ҳаммаслакони ӯ аз иҷрои талаби мақомоти тафтишот оид ба ҳозир шудан ва ҷавоб гуфтан дар назди қонун саркашӣ карданд.

Бояд гуфт, ки Т. Айёмбеков гурӯҳи мусаллаҳи ғайриқонунӣ таъсис дода, дар давоми солҳои зиёд бо қочоқи маводи мухаддир, маҳсулоти тамоку ва сангҳои қиматбаҳо машғул шуда, чандин ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, аз қабили бандитизм ва ғайраро содир намудааст.

Бо мақсади пешгирӣ аз талафоти беҳуда дар байни сокинони осоишта бо супориши Президенти мамлакат комиссияи ҳукуматӣ дар ҳайати вакилони мардумӣ, аъзои Ҳукумат, роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ходимони давлативу ҷамъиятӣ, аҳли зиё ва уламои динӣ, фаъолони вилоят дар давоми се рӯз бо Айёмбеков Толиб ва тарафдорони ӯ чандин маротиба вохӯрда, пешниҳод намуд, ки силоҳҳоро ба замин гузошта, ҷиноятконронро ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ супоранд.

Айёмбеков Толиб ин пешниҳодро қатъиян рад карда, баръакс ба гирдоварии ашхоси мусаллаҳи ҷиноятпеша оғоз намуд ва ба муқовимати мусаллаҳона шурӯъ кард.

Бинобар ин, аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ бо мақсади ба эътидол овардани вазъият дар шаҳри Хоруғ оид ба дастгир кардани аъзои гурӯҳи муташаккили ҷинояткор ва ба ҷавобгарӣ кашидани онҳо субҳи 24 –уми июл амалиёти махсус оғоз гардид.

Итминон дорем, ки мардуми шарафманди шаҳри Хоруғ ва вилоят чунин амалҳои ғайриқонунии ҷинояткоронро маҳкум намуда, барои ҳифзи оромиву тартиботи ҷамъиятӣ ва таъмини волоияти қонун бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолона ҳамкорӣ мекунанд.

Мардуми кишвар дилпур бошанд, ки ҷинояткорон дастгир шуда, дар назди қонун ҳатман ҷавоб хоҳанд гуфт.

***Маркази матбуоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

● Дар партави Паём

## Давлат бе илм намешавад

**Гуфтугӯйи Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Мамадшо Илолов ва директори Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи А. Рӯдакӣ Акбар Турсунов дар ҳошияи Паёму суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**



**Ҳангоме ки мо дар толори Кохи Сомон нишаста суханронии пурмӯҳтавои Президент Эмомалӣ Раҳмонро гӯш мекардем, ба китобчаи ёддошт нуктаҳои ҷолиби гуфтаҳои эшонро навишта мегирифтем. Баъди анҷоми ҷаласа, вақте ки ба коргоҳамон баргаштем, роҳравон ба мубодилаи афкор пардохтем. Бароямон боиси тааҷҷуб набуд, ки таассуротҳоямон ба ҳам рост омаданд: ҳатто нуктаҳои навишта гирифтаамон қариб яксон буданд. Чунин таворуди назар моро водор кард, ки фикру андешаҳоямонро ба гунаи муколама рӯйи коғаз оварда, аз тариқи матбуот интишор диҳем.**



**Мамадшо ИЛОЛОВ:** - Паёми Сарвари давлат ба аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон аслан танҳо ҳисоботи солона ва ё фақат нақлу нақди нақшаҳои амалишуда ё амалинашудаи давлат нест, дар он чашмандози тараққиёти ҷомеа низ тарҳрезӣ мешавад. Чунончӣ, дар Паёми имсолаи Президент Эмомалӣ Раҳмон се мақсади стратегии ҷумҳурии соҳибистиқлоламон муайян ва мушаххас шудаст, ки ҳар яке вазифаи муҳиму мубрами давлату миллат мебошад. Дарвоқеъ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, фароҳам овардани амнияти озуқаворӣ ва аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат ҳадафҳоеанд, ки ба онҳо нарасида заминаи воқеии пешрафти кишварро таъмин кардан амри маҳол аст.

Дар ҳама Паёмҳои Президенти ҷумҳуриамон масъалаҳои актуалии инкишофи илму фан дар робита бо дурнамои пешрафти кишвар ба миён гузошта мешаванд. Дар Паёми имсолаашон ҳам Ҷаноби Олӣ корҳои созандаи давлату ҷомеаро ба таври интиқодӣ ҷамъбасту хулоса карда, чашмандози тараққиёти миллатро тарҳрезӣ намуданд. Мо нутқи аз минбари баланди ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон эродкардаи мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ҳамбастагӣ бо гуфта ва фармудаҳои эшон ҳангоми вохӯрӣ ва гуфтугӯяшон бо зиёиёни ҷумҳурӣ тааммул кардем ва онҳоро ба ҷумлагӣ ҳамчун дастури мушаххаси иҷтимоию сиёсӣ дар боби иштироки фаъолонаи аҳли илму маориф ва фарҳанг дар сохтмони давлати миллӣ пазируфтем.

Таассуроти муштараки мову шумо ин аст, ки акнун ҷомеаи тоҷик ба марҳилаи нави таҳаввури таърихӣ ворид шуда истодааст, ки пешрафти мунтазаму мутараққии иқтисоди миллӣ ҳадафи асосии ӯст. Ин марҳилаи таърихӣ рангу раванди бармалои иҷтимоӣ дорад: мақсаду мароми он зина ба зина баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии шаҳрвандони ҷумҳурист.

Хулосаи калом, Паёмҳои Президент неруи муттаҳидкунандаи халқу кишвар буда, пояи ягонагии миллатро устувортар ва умедвориҳои иҷтимоии шаҳрвандонро аз оянда бақувваттар мекунанд.

**Акбар ТУРСУНОВ:** - Самтҳои куллӣ ва ҳадафҳои асосии тараққиёти минбаъдаи кишварамон дар Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2015 тарҳ афкандаанд. Манзури назарам ҳамон барномаи пешрафти тадриҷии иҷтимоию иқтисодист, ки онро Ҳукумат бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон (2005) мувофиқан ба муқаррароти куллии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода, ба салоҳдиди Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод карда буд.

Дар ин ҳуҷҷати расмӣ, ки мувофиқи меъёру стандартҳои байналмилалӣ таҳия ва таҳрир шудааст, омада, ки оҳиставу пайваста баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ мақсади асосӣ ва стратегии сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат мебошад. Возеҳ аст, ки тараққиёти босуботи истеҳсолотро таъмин накарда, ба ин мақсаду муроди наҷиб расидан мумкин нест.

(Идома дар саҳ. 2)

# Давлат бе илм намешавад

(Идома аз саҳ. 1)

Яқинан, Тоҷикистон барои ташаккули иқтисодиёти мутараққии ҳозиразамон захираву имконияти кофӣ дорад. Аз ҷумла дар бахши иқтисодии барномаи мазкур захира ва имконоти моддии кишварамон як ба як номбар шудаанд. Дар ин ҷо ба чортои онҳо ишора кардан кофист, то ки дар бораи то чӣ андоза воқеӣ будани умедҳои иҷтимоиямон хонандагон худашон қазоват карда тавонанд: вуҷуд доштани (1) сарватҳои табиии барои саноат муҳим (аз филизҳои камёбу ранга гирифта то сурбу тилло), (2) захираи бузурги нируи обӣ (потенсиали гидроэнергетикӣ), (3) заминҳои ҳосилхези ҳанӯз корамнашуда (барои вусъати кишоварзӣ) ва (4) теъдоди кофии одамони қобили кор.

**Мамадшо ИЛОЛОВ:** - Дар омади гап гӯям, вақте ки сухан аз сарватҳои табиии Тоҷикистон меравад, бояд низ илова намоем, ки геологҳои мо на ҳамаи канданиҳои фоиданоки кишварамонро кашф кардаанд. Масалан, бино ба қонунҳои геологӣ, эҳтимоли дар сарзамини тоҷикон алҳол вуҷуд доштани конҳои бузурги нафту газ аз сифр хеле болост. Аз ин ҷиҳат як нуктаи Паём умедбахш аст. Ҷаноби Олӣ зимнан хабар додаанд, ки ҳоло дар қаламрави мамлакатамон 11 ширкати ватаниву хориҷӣ ба ҷустуҷӯ, пармакунӣ, истихроҷ ва коркарди нафту газ пардохтааст. Ҳамзамон 12 корхона ба истихроҷи ангишт машғуланд.

**Акбар Турсунов:** - Дар Паёми имсолаи Президент мафҳуми «афзалияти миллии кишвар» мушоҳида шуд. Эмомалӣ Раҳмон онро яке аз омилҳои муассири «рушди иқтисодии мамлакат ва таъмини сатҳи сазовори зиндагии мардум» донистаанд. Ҳангоми шарҳу басти ин дастур ба натиҷа мерасам, ки ғайр аз захираю имкониятҳое, ки дар Стратегияи миллиамон ба гунаи заминаи воқеии тараққии минбаъдаи миллат зикр шудаанд, боз як захираи муҳим ҳаст, ки онро «омили инсонӣ» гӯянд. Дар илми иқтисодиёт миқдори фаровони одамони қобили корро бо мафҳуми абстрактӣ ё муҷарради «қувваи коргарии арзон» ифода мекунанд, ки ҷиҳати маънавии меҳнатро ба назар намегирад. Ва ҳол он ки дар ин мавриди манзури назар нируи зиндаест, ки соҳибақлу соҳибдил бувад. Аз ин ҷиҳат, агар сифату самаранокии меҳнат дар мадди назарамон бошад, бояд низ ба ҳисоб гирифт, ки маънавиёт омили муҳими кор мебошад.

Тоҷикистони мо хусусан аз рӯйи иқтидори маънавӣ ғанӣ мебошад. Чунончӣ, миёни тоҷиктаборон пурсаброна, содиқона ва фидокорона заҳмат кардан як рукни одоби хонаводагист, ки ба суннати фарҳангӣ табдил ёфтааст. Инро тоҷиконе воқеан собит менамоянд, ки имрӯзҳо дар Россия ва дигар кишварҳои дуру наздик мардикорӣ мекунанд. Ин як падидаи ночиз намояд ҳам, воқеъан неруи бузурги иҷтимоию фарҳангӣ дорад, ки бахусус дар замони муосир бар асари ифротгариҳои ахлоқии иқтисоди бозаргонӣ аҳамияти хоси маънавӣ пайдо мекунад. Ба истилоҳ глобализатсия ё ҷаҳонигардонӣ (на ҷаҳонишавӣ!), ки муҷассамаи барҷастаи рӯҳи сармоядористу пулпарастӣ, иқтисодиётро арзиши мутлақ дониста, маҳз солафзун андӯхтани фоидаро парадигма ё стратагемаи рушди ҷомеа мепиндорад. Ҳамзамон капитализми беҳад ҳарис ба зиёд шудани шумораи бекорон, афзудани фисқу фасод (аз он ҷумла коррупсия), таназзул ёфтани табиат (умуман хароб шудани муҳити зист) ва дар ниҳояти кор беқадр шудани худи инсон, ки як вақтҳо бо ифтихор «ашрафи махлуқот» мехонанд, дидаю дониста парво намекунад.

Тавоноии маънавие, ки зикраш гузашт, айнан аз ҷумлаи ҳамон афзалиятҳои миллии мост, ки «татбиқи самараноку саривақтӣ»-и онҳоро Президент талаб кардаанд. Хулосаи калом, агар захираву имкониятҳои мавҷудаи халқу кишвар самаранок ва сарфакорона истифода бурда шаванд, шубҳае нест, ки дар оянда ҷумҳуриамон аз рӯйи дараҷаи тараққиёти саноатӣ ҳам қоматашро рост мекунад.

**Мамадшо ИЛОЛОВ:** - Дар ин бора дар Паёми Президент боз ҳам мушаххастар гуфта шудааст:

«Дар се соли оянда суръат бахшидан ба рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, бахусус саноату энергетика, нақлиёт ва коммуникатсия, кишоварзӣ, инчунин истифода аз ташаббусҳои соҳибкориву имкониятҳои бахши хусусӣ ва дар ин асос боз ҳам афзун намудани қисми даромади буҷети давлатӣ ва таъмини беҳтари ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вазифаи аввалиндараҷаи сиёсати иқтисодии давлат мебошад».

**Акбар ТУРСУНОВ:** - Ба назари ман, дар баробари ин, ба дигар як нуктаи муҳими Паёми Президент низ эътибор додан даркор аст. Ҷаноби Олӣ зимнан гуфтанд: «Бо мақсади таъмини яке аз ҳадафҳои стратегии кишварамон, яъне ноилшавӣ ба истиқлолияти энергетикӣ дар баробари дигар тадбирҳои таъминкунандаи рушди соҳа татбиқи маҷмӯи ислоҳоти иқтисодиву сохтории соҳа пешбинӣ шудааст. Дар ин ҷода баланд бардоштани қобилияти рақобати комплекси сӯзишвориву энергетикӣ аз пешбурди фаъолонаи сиёсати сарфаҷӯӣ ва самаранок истифода бурдани энергия, инчунин кам кардани талафоти он вобаста мебошад».

**Мамадшо ИЛОЛОВ:** - Ҳар куҷое, ки сухан аз ислоҳот рафт – хоҳ вай ба соҳаи иқтисодиёт дахл дошта бошад ва хоҳ ба сиёсати сарфаҷӯӣ - ҳузури таҳлилу таркиби илмӣ дар назар аст. Ҷиҳати хоси Стратегияи миллиамон ҳамчун барномаи дарозмуддати тараққиёти иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон айнан дар илмӣ будани бунёду бунёни ӯст, ки дар навбати худ ба воқеӣ ва амалишавандагии нақшаҳоямон далолат мекунад.

**Акбар ТУРСУНОВ:** - Аз назари ман, ба илман асоснок будани «Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон» се ҷиҳати ҳуҷҷати мазкур шаҳодат медиҳад. Аввалан, комплексӣ будани тариқи гузориши масъалаи тараққиёти ҷомеа. Сониян, дар ҳамбастагӣ ва вобастагии бахшҳо ва паҳлуҳояш – иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ – мавриди назар шудани тараққиёти таърихӣ.

Солисан, сартосари матни Стратегияи миллӣ мафҳумҳои «ислоҳот» ва «тараққиёт» ҳамрадифанд. Аз ин рӯ, ҳангоми арзёбӣ кардани чашмандози тараққиёти кишвар аз омилҳои объективию субъективие низ сухан рафтааст, ки санги роҳи пешрафти миллат мебошанд. Он ҷо омада, ки самаранок кор накардани муҳимтарин муассисаҳо – дастгоҳи давлатӣ, низомҳои судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, инчунин номукаммал будани қонунҳои қабулшуда ва номуассир будани татбиқи онҳо аз ҷумлаи камбудиҳои асосӣ ба шумор меравад. Масалан, тарзу тариқи қабули қарорҳои муҳим аз ҷониби мақомоти давлатӣ барои ҷомеа дар аксар маврид норавшан мемонад, хусусан ки назорати шаҳрвандӣ аз болои кори мақомоти мазкур ҳанӯз ҳам ба ҳадде, ки бояду шояд барқарор нашудааст.

Омилҳои мазкурро ба назар гирифта, Стратегия зарурати андешидани тадбирҳоеро низ тавсия мекунад, ки ба такмили асосҳои давлати ҳуқуқбунёд ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамаҷиҳата мусоидат мекунанд. Чунончӣ, дар ҳуҷҷати мазкур дар баробари замина ва замонати кори самараноки муассисаҳои давлатӣ донистани ислоҳоти идорӣ таъкид шудааст, ки ин амру амал (ислоҳот) дар маҷрои принсипҳои демократия ва қонуният ҷараён хоҳад гирифт.

**Мамадшо ИЛОЛОВ:** - Дар воқеъ, яке аз омилҳои инкишофу вусъати истеҳсолоти миллӣ интегратсияи кишвар ба шабакаи минтақавӣ ва ҷаҳонии равобити иқтисодист, ки қонуну қоидаҳои худро дорад. Шарти аввалини ҳамгироии иқтисодӣ дар арсаи ҷаҳонӣ бошад, мувофиқ кардани қонунҳои миллӣ ба қонунҳои байналмилалист.

**Акбар ТУРСУНОВ:** - Сазовори фикру зикр аст, ки Тоҷикистон аз худи солҳои аввали соҳибистиқлол шуданаш сар карда, аксари санадҳои байналмилалиро оид ба ҳуқуқи инсон, таъмини сулҳу амният, мубориза бар зидди терроргарӣ, ҷиноятҳои фаромиллӣ ва гардиши ғайриқонунии моводи мухаддир расман эътироф намудааст. Эҳтироми давлати навбунёдамон ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, хосса Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар ва Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар моддаи даҳуми Сарқонунамон возеҳу равшан баён шудааст: «Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ корбаст мешаванд».

Як нуктаи муҳим ин аст, ки роҳбарияти сиёсии ҷумҳуриамон ҷораву тадбирҳои андешидаашро фақат оғози ислоҳоти ҷиддии иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию ҳуқуқӣ медонад, ки ба хотири фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳамойиши Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ба амал баровардани аст.

**Мамадшо ИЛОЛОВ:** - Акнун бо ифтихори тамом гуфтан мумкин аст, ки Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистони навин аз санҷиши ҷиддии экспертизаи байналмилалӣ гузашт ва ҳамчун яке аз беҳтарин намунаҳои конститутсияҳои демократӣ дар ҷаҳон ба шумор меравад.

Ман ҳамчун узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳам, ки минбаъд дар заминаи Конститутсияи нав асосҳои ҳуқуқии сохтори давлат тарҳрезӣ шуд, принсипҳои идора кардани он ба низом даромад, кори бомаслаки мақомоти олии қонунгузорӣ ва иҷроияи мамлакат шурӯъ шуд. Ҳамзамон дар чорчӯби Сарқонуни аз тарафи халқ маъқулдониста ҷумҳуриамон вазифаҳои асосии шаҳрвандон, ҳаққу ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоии онҳо, аз ҷумла озодии сухан, муайян ва мушаххас гардиданд, ки дар маҷмӯъ дар шоҳроҳи ташаккули давлати ҳуқуқбунёд иқдоми бузург буд.

Дар ин миён таҳкурсии ҳуқуқии илми академӣ низ такмил ва тақвият ёфт. Чунончӣ, Парлумон бо дастгирии бевоситаи Президент дар асоси Конститутсияи нав як қатор қонунҳои муҳими давлатиро қабул кард, ки саривақтӣ ва самарабахш буданд. Ман қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» ва «Дар бораи экспертизаи илмӣ ва илмӣ-техникӣ» дар назар дорам, ки давоми солҳои 1998-2008 пайи ҳам пазируфта шудаанд.

**Акбар ТУРСУНОВ:** - Дар омади гап гӯям, дар Сарқонунамон муқаррароти муҳиме ҳастанд, ки дар конститутсияҳои пешинаамон набуд ва буданаш ҳам амри маҳол буд. Конститутсияи нав на фақат гуногуншакл будани мафкураҳои иҷтимоию сиёсиро расман эътироф мекунад, балки инчунин баробарҳуқуқ будани онҳоро дар ҷомеа низ кафолат медиҳад. Эътирофи расмии гуногунандешӣ ва бисёрҳизбӣ, кафолати қонунии озодии виҷдон ва озодии сухан аз ҳамин ҷост.

**Мамадшо ИЛОЛОВ:** - Дар тарҳрезӣ кардани пойдевори ҳуқуқии ҷомеа олимони ҳуқуқшиноси Академия низ саҳм гирифтаанд. Хушбахтона, давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ҷою нақши созандаи илмро дар ҷомеа ба хубӣ дарк кардааст. Чунин сиёсати оқилона ҳам ба ормонҳои анъанавии халқ мувофиқ асту ҳам ба рӯҳи замон рост меояд. Ва тазаккур додан ҷоиз аст, ки ҳанӯз дар оғози фаъолияти ҳокимияти конститутсионӣ бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон маълум шуд, ки рушди илму маориф ва фарҳанг мадди назари Лидери нави миллати соҳибистиқлоламон хоҳад буд.

Моҳи феврали соли 1996, вақте ки ҷанги дохилӣ давом дошту вазъи иқтисодии кишвар ниҳоят вазнин буд, Эмомалӣ Раҳмон шахсан ба Академия ташриф оварда, дар ҳузури олимон суханронӣ карданд. Эшон дар оғози нутқашон гуфтанд:

«Омадем, ки бо шумоён доир ба масъалаҳои фаъолияти Академияи илмҳо гуфтугӯ кунем, аз Шумо, намояндагони барҷастаи илми ҷумҳуриамон, маслиҳат бипурсем. Онро муайян созем, ки Академияи улум ҳамчун маркази таҳқиқоти илмӣ-техникӣ ва технологӣ, маркази муайянкунандаи инкишофи самтҳои муҳими илм барои аз бӯҳрони иқтисодӣ ва фарҳангӣ раҳо додани ҷумҳурӣ чӣ саҳм гузошта метавонад».

**Акбар ТУРСУНОВ:** - Он вақт ҷавоби саволи Президент фарзи сиёсӣ буд, акнун бошад, бар асари он ки аз худи ҳамон вақт сар карда, давлат бо вуҷуди мушкилиҳои иқтисодиву молиявие доშту дорад, Академияи илмҳоро ҳаматарафа дастгирӣ кард ва минбаъд мавриди ғамхории доимӣ қарор дод, иҷрои фарзи сиёсӣ ба қарзи шаҳрвандӣ табдил ёфт.

**Мамадшо ИЛОЛОВ:** - Бубинед, як худи далели он ки Раёсати Олии Тоҷикистон ба роҳбарияти сиёсии баъзе кишварҳои ҳамсоя тақлид накард ва шитобкорона Академияи илмҳоро барҳам надод, возеҳу равшан шаҳодат медиҳад, ки Ҳукумати мо таҳти сарварии Президент Эмомалӣ Раҳмон сиёсати дурандешонаеро пеш гирифтааст, ки барои дигарон оинаи ибрат буда метавонад. Дар зимни ин, хусусан як факти сиёсӣ шоистаи таҳсин аст: Президент барои дастгирии иҷтимоии илми академӣ ҳама тадбирҳои аз дасташон меомадаро сари вақт меандешанд. Дарвоқеъ, миқдори моҳонаи кормандон, маблағи нафақагирон ва стипендияи унвонҷӯён сол аз сол меафзояд. Гуфтан кофист, ки соли гузашта маҳз бо амру супориши Президент маоши кормандони илмӣ ду маротиба ва маоши директорони Институтҳо беш аз се маротиба зиёд карда шуд.

Ҳукумат инчунин барои чопу интишори китобҳои илмӣ, сохтмони биноҳои нав ва таъмири биноҳои кӯҳнаи Академия низ махсус пул ҷудо мекунад. Дар қисмати харҷии буҷаи давлатӣ моддаи алоҳида ҳаст, ки «Таҳқиқоти бунёдӣ ва илм» унвон шудааст. Агар ҳаҷми маблағгузориро ба ин соҳа дар зарфи даҳ соли охир ба ҳам муқоиса кунем, он гоҳ возеҳу равшан мебинем, ки хароҷоти давлат ба инкишофи илму фан торафт меафзояд.

**Акбар ТУРСУНОВ:** - Таваҷҷуҳи хоси Раёсати Олиро ба рушди илм, ба вижа дар Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва осори хаттӣ ҳамагон – аз маъмурият то корманди хурди илмӣ, баробар эҳсос мекунанд. Шахсан хеле миннатдорам, ки мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ду бор манро ба ҳузурашон пазируфта зимнан ҳамаи пешниҳодҳоямро қабул карданд ва ба зудие, ки барои сойири роҳбарон оинаи ибрати шоиста аст, барои амалӣ кардани онҳо дастур доданд.

Як далели дигарро ҳам зикр кардан шарт аст. Моҳи феврали ҳамин сол Президент ба Вазорати молия амр карданд, ки аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмири биноҳои пажӯҳишгоҳамон мустақиман 470 ҳазор сомонӣ ҷудо намоянд. Андаке пештар (моҳи январ) бо дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори вазири молия аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ, ки барои рушди муассисаҳои таълимӣ ва таъминоти моддию техникии онҳо пешбинӣ шудааст, ба мо ба тариқи кӯмак 70 ҳазор сомонӣ ҷудо карданд. Мо ин маблағи иловагиро барои харидани 10 компютери ҳозиразамон сарф намудем. Акнун ҳамаи шӯъбаҳои пажӯҳишгоҳамон аз шабакаи ҷаҳонии иттилооти илмӣ мустақиман истифода бурда метавонанд.

**Мамадшо ИЛОЛОВ:** - Дигар факту рақамҳои ҷолиб низ ҳастанд, ки аз ғамхории ҳамешагии Ҳукумат, шахсан Ҷаноби Олӣ, дар ҳаққи илми академӣ шаҳодат медиҳанд. Чунончӣ, бо мақсади таҳкими моддии таҳқиқоти академӣ дар худи ҳамон соли вазнин (1996) Фонди президентии таҳқиқоти бунёдӣ таъсис дод шуд, ки минбаъд ба вусъати ҷустуҷӯҳои навоварона илмӣ мусоидат кард.

Ба ҳамин муносибат аз як рукни муҳиму ҷолиби сиёсати ҳозираи давлат дар соҳаи илм ёдовар шудан лозим аст. Боиси шукру сипос аст, ки давлати соҳибистиқлоламон инкишофи илмро дар баробари маориф ва фарҳанг самти афзалиятдоштаи стратегияи рушди миллӣ ҳисоб мекунад. Албатта, мо мебинему медонем ва Ҳукумат низ хуб мебинаду медонад, ки заминаи моддию техникии муассисаҳои илмиро дар Академия ва мактабҳои олӣ, хусусан дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, минбаъд васеътару мустаҳкамтар кардан мебояд, вагарна илм дар рушди миллӣ саҳми сазовор гирифта наметавонад. Дарвоқеъ, асбобу ускунаи бисёр лабораторияҳо ва мушоҳидагоҳҳои тадқиқотӣ кӯҳнаву фарсуда шуда, дигар ба стандартҳои ҳозиразамони илму техникаи ҷаҳонӣ рост намеоянд, лекин дар марҳилаи кунунии сохтмони давлати миллӣ вазифаи аввалиндараҷа нигоҳ доштани худи Академияи илмҳо буд, ки хушбахтона, иҷро шуд. Ва, агар сиёсати дурандешонаи ҳозира дар соҳаи илм ва маорифи олӣ минбаъд ҳам давом ёбад ва мо итминони комил дорем, ки давом меёбад, дар оянда, ба қадри афзудани иқтидори иқтисоди кишвар, душвориҳои имрӯз батадриҷ барҳам хоҳанд хӯрд.

**Акбар ТУРСУНОВ:** - Дар шароити ҳозира инкишофи илму фан ба як навъ масъалаи математикӣ табдил меёбад: дар шароити андак будани захираву имкониятҳо чӣ тавр метавон дараҷаи самаранокии корро баланд бардошт?

**Мамадшо ИЛОЛОВ:** - Дар ҳалли ин масъала истифода бурдани методи оптимизатсия (аз вожаи лотинии оптимус- беҳтарин) айни муддаост. Ин мафҳуми илмӣ аввал дар риёзиёт (математика) ташаккул ёфта, сонӣ ба истилоҳоти информатика, технологияи кимиёвӣ ва ғайра паҳн шудааст. Умуман гӯем, сухан аз кори мақсадноке меравад, ки барои дар шароити мушаххас (масалан, кам будани захираҳо) ба даст овардани беҳтарин натиҷа равон карда шудааст. Оптимизатсияро ҳамчун тағйиру такмил додани система бо мақсади зиёд кардани самаранокии кори он таъбир кардан мумкин аст.

**Акбар ТУРСУНОВ:** - Дар замони шӯравӣ ифодаи «истифода бурдани захираву имконияти дохилии корхона» роиҷ буд: вай як шакли хоси ҳамон раванди оптимонидан аст, ки зикраш гузашт. Ҳоло ман дар мисоли тариқи анъанавии коргузорӣ дар Пажӯҳишгоҳи худамон ба хулоса меоям, ки барои оптимонидани кор – чӣ дар сатҳи идора (тағйиру такмил додани сохтори Институт) ва чӣ дар сатҳи таҳқиқот (интихоби самтҳои асосӣ ё афзалӣ ва мавзӯю проблемаҳои аввалиндараҷаи пажӯҳиши илмӣ) – имкониятҳои амалпазир ҳастанд. Иқдоми самарабахш дар ин ду роҳи бозсозӣ як ҳадафи умда дорад, ки роҳу воситаи ба он расидан ҳам бояд намунаи оптимонидани кор бошад.

Аммо баъд... корро шамшер мекунад, на ғилоф! Ин ҷо боз ба сари масъалае бармегардем, ки қаблан «омили инсонӣ» унвон шуд.

**Мамадшо ИЛОЛОВ:** - Дар Паёмҳо ва дигар суханрониҳои калидии Президент масъалаи ҷобаҷо кардани кадрҳои роҳбарикунанда дар робита бо афзудани талабот ба сатҳу сифати кори онҳо, ҳам аз ҷиҳати савияи донишу малакаи тахассусӣ (касбӣ) ва ҳам аз рӯйи дараҷаи масъулиятшиносии шахсию иҷтимоӣ, борҳо баррасӣ шудааст. Худи муносибати сахтгиронаи Ҷаноби Олӣ ба роҳбарону маъмурон, ки махсусан ҳангоми маҷлисҳои солонаи Ҳукумат ҳувайдост, як навъ мактаби тарбияи кадрҳост!

**Акбар ТУРСУНОВ:** - Нахустин Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон устоди равоншод Садриддин Айнӣ дар ибтидои ташаккули Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон чорабиниҳои ҳокимияти навро дар соҳаи маорифу маърифат ва илму маданият тадбири ояндасоз хонда, бо камоли некбинӣ гуфтаанд: «Кори Тоҷикистон гул карданист». Ростӣ, чунон ки солҳои баъдӣ маълум шуд, он гули ормонӣ бехор набудаст, вале вай табиатан хормоя ҳам набуд. Пас, ношукрии таърихӣ мебуд, агар дар бораи ҳусни ҳамон гул аз рӯйи захри хораш қазоват мекардем. Дар таърихи ҷаҳонӣ эътироф шудааст, ки дар муддати кӯтоҳи таърихӣ ба вуҷуд овардани шабакаи васеи муассисаҳои маорифу маърифат ва илму фанни муосир – аз мактабҳои олии ҳозиразамон то Академияи илмҳо - бузургтарин дастоварди таърихии Давлати Шӯро буд.

**Мамадшо ИЛОЛОВ:** - Боиси қаноатмандист, ки давлати соҳибистиқлоли мо ҳамин дастоварди аҳди шӯравиро эҳтиёт карда, дар заминаи вай пеш меравад. Ҳифз кардани пайванди Академияи илмҳо ва донишгоҳҳои олии Тоҷикистон ба шабакаи муассисаҳои таҳқиқотию таҳсилотии русизабон, пос доштани суннатҳои равобити илмию фарҳангӣ миёни ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ, иқдоми пайваста дар роҳи вусъат додани ҳамкориҳои минтақавӣ ва ғайра аз самараи ҳамин сиёсати дурандешонаи Президент Эмомалӣ Раҳмон мебошанд.

**Акбар ТУРСУНОВ:** - Дастовардҳои илмӣ ва адабии гузаштаамон дар китоби комёбиҳои тамаддуни инсонӣ бо оби тилло навишта шудаанд ва барҳақ қиблагоҳи ифтихори миллии ҳар як фарди тоҷиктабор қарор гирифтаанд. Валекин моро боястӣ ифтихори огоҳонаро аз ифтихори омиёна фарқ кардан. Ба ин маънӣ пурсидан равост, ки ҳамон китоби бо зарҳал навиштаашударо чанд нафар тоҷик хонда бошад?! Вақте ки Лоиқ Шералӣ «миллат насохта ҳама миллатгаро шудем» мегуфт, манзураш зуҳури ҳамон тафовути маънавие буд байни хосу ом, ки асару осорашро дар пиндору кирдори ҳамқавмонаш медиду месӯхт. Охир, ангуштшумор буданду ҳастанд шахсоне, ки ифтихорномаи миллиашон «Шоҳнома»-ро (ақаллан баъди ба сирилик пурра бозгардон шудани матни форсиаш) ба дасташон қаламу коғаз гирифта, аз сар то охир хонда бошанд, ҳатто дар қатори онҳое, ки шеърнависию нависандагӣ ё нақди суханро касби худ медонистанд!

Аз ин рӯст, ки Лоиқ басе «ҳайфи он фарҳанги олӣ» гуфта хитоб кардааст. Аслан шоири миллии мо ягон падидаи нави фарҳангиро кашф накардааст. Ҳафтод сол пеш аз ӯ маорифпарвар Абдурауфи Фитрат дар ғояти интиқоди иҷтимоӣ ва бо ҳазор дарду алам аз муосирони ғафлатзадааш пурсида буд: «Охир, инсофе, беилмӣ то ба кай? Ин нодонӣ то чанд?!» Муосири Фитрат Садриддин Айнӣ вақте ки инқилоби болшевикӣ содир шуд, ҳамон замон ҳамқавмонашонро даъват карда буданд, ки аз фурсати мусоиди иҷтимоию сиёсӣ ҳаматарафа фоида бурда, «то ҷон дорем, аввал дар илм ва маориф кӯшем».

**Мамадшо ИЛОЛОВ:** - Минбаъд устод Айнӣ зарурати мавқуфнопазири дар сатҳи давлатӣ ба роҳ мондани таълиму тарбияи насли нави одамони соҳибмаълумот - аз муаллими мактаби ибтидоӣ, то мутахассисони кордонро ба миён гузошта, агар хато накунам, мафҳуми «кадррасонӣ»-ро кор гирифта буданд.

**Акбар ТУРСУНОВ:** - Дар забони Садриддин Айнӣ, ки ҷиҳати дилсӯзии ватанпарварона ҳамрадифи Аҳмади Дониш буданд, ин мафҳум аз танқиди хоси иҷтимоӣ холӣ набуд. Чунончӣ, устод дар худи оғози таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1924) навишта буданд: «Баъд аз Инқилоби Ӯктабр ҳамаи ватандорони Туркистон соҳиби рӯзнома, соҳиби мактаб, соҳиби илму қалам шуданд. Аммо қавми тоҷик ҳамон Аҳмади порина, ки ҳастанд, ҳастанд». Ва мазамматомезона афзудаанд: «Дар пас мондани тоҷикон аз дигар қавмҳои Туркистон, албатта, сабаб бисёр аст. Сабаби калон камсаъйии худи тоҷикон аст». Аз байн беш аз бист соли тамом гузашт, вале вазъият ба андозае, ки мебоист, тағйир наёфт. Ва устод Айнӣ боз (соли 1947) ба даст қалам гирифта, ҳамон масъалаи кӯҳнаро аз нав ба миён гузоштанд ва бо ҳамон оҳанги пешинаи гилаомез таъкид карданд, ки «Тоҷикистон бо ҳамаи ин ки саҳми калоне аз бюджети давлатӣ дар роҳи кадррасонӣ тахсис ва сарф шуда омада истодааст, аз ҷиҳати ба воя расонидани кадрҳо нисбат ба бисёр республикаҳои бародарӣ дар қафост».

**Мамадшо ИЛОЛОВ:** - Дар воқеъ, Тоҷикистони мо мисли Арманистону Гурҷистон, Озарбойҷону Қазоқистон ва Ӯзбакистон аз тамоми имкону имтиёзҳои низоми шӯравӣ самаранок истифода бурда натавонист. Чунончӣ, ҷумҳуриамон аз аввал як барномаи давлатии тарбияи кадрҳои баландихтисосро надошт, ки аз рӯйи талаботи ҷорӣ ва бо назардошти ниёзҳои ояндаи халқу кишвар тарҳрезӣ шуда бошад. Агар медошт, магар як умр ба бисёр корхонаҳои ҳозиразамонаш мутахассисонро аз берун даъват карда меовард? (Ҳатто коргарони қаториро барои корхонаҳои саноати сабук аз Россия меовард!) Дар риштаи тарбияи кадрҳои илмӣ фақат замоне, ки профессор Султон Умаров Президенти Академия буданд, дигаргунии назаррас ба амал омад. Дареғу дард, ки умрашон кӯтоҳ будаст...

**Акбар ТУРСУНОВ:** - Чунон ки хабар дорам, устод Султон Умаров (ман яке аз шогирдони эшон будам) дар ҳамкорӣ бо роҳбарияти онвақтаи ҷумҳурӣ як барномаи давлатии кадррасониро тартиб медоданд, ки муҳимтарин бахшҳои илму фарҳанги муосирро дарбар мегирифт, пеш аз ҳама, ҳамон соҳаҳои илму фанро, ки ба онҳо ҷумҳуриамон дар оянда ниёзи бештар медошт.

**Мамадшо ИЛОЛОВ:** - Дар даврони истиқлолият дар ин соҳаи муҳими кор ҳам тадбирҳои давлатӣ андешида мешаванд. Хотиррасон кардан кофист, ки ҳозир Академияи илмҳо дар чорчӯби «Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015» корҳои илмию ташкилӣ мебарад, ки соли 2009 таҳия шудааст. Гапи дигар аст, ки ҳатто муассиса ва фондҳои давлатие, ки ба хориҷа донишҷӯю унвонҷӯй мефиристанд, аз рӯйи нақшаи ягона, ҷавобан ба эҳтиёҷоти воқеии кишвар, хосса дар соҳаҳои мутараққии саноату технологияи навтарин, фаъолият намекунанд.

**Акбар ТУРСУНОВ:** - Агар аз хусусиятҳои фардии олимшаванда, хосса қобилияту иқтидори эҷодии ӯ, сарфи назар кунем, барои ба камол расонидани як олими қаторӣ андаряк 20 сол лозим мешавад. Дар ташаккулу такомули шавқу завқи олимӣ бошад, сатҳи рушду сифати таълим на фақат дар мактаби олӣ, балки инчунин дар мактаби миёна нақши бузург мебозад. Аз ин рӯ, таҳия ва қабули «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016» тадбири пураҳамиятест. Умед дорем, ки бар асари ин ва дигар тадбирҳои давлатӣ обрую эътибори фарҳангии муаллим афзунтар ва мувофиқан мақоми иҷтимоии ӯ баландтар хоҳад шуд, хусусан дар деҳот.

**Мамадшо ИЛОЛОВ**: - Илму фан сириштан падидаи байналмилалист. Аз ин рӯ, вусъату амиқрафти ҳамкорию ҳамёрӣ дар миқёси ҷаҳонӣ ва минтақавӣ яке аз омилҳои муассири прогресси илмию техникист. Дар зимни ин, бояд ба назар гирифт, ки нархи кашфиёти илмӣ ва ихтироoти технологӣ торафт меафзояд. Акнун барои ба амал баровадани таҳқиқоти бунёдӣ дар пешгоҳи илми ҳозиразамон, хусусан астрофизикаи релятивистӣ ё микрофизикаи зарраҳои фавқуссуръат– мисли коллайдери бузурги адронӣ, дастгоҳу асбобҳое лозиманд, ки барои сохта ба кор дароварданашон даҳҳо миллиард доллар харҷ кардан мебояд. Масалан, барои тавассути озмоиши физикӣ кофта ёфтани «бозони Ҳиггс» ном зарраи субатомӣ кишварҳои мутараққии ғарб 17 миллиард доллар харҷ карданд!

*Таснифи*
*Ҷумъахон НАБОТОВ*
*«Садои мардум»*

**(Идома дар шумораи оянда)**

**● Вакилони халқ 1938-2010**



## ДАЪВАТИ ШАШУМ 1963 - 1967

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**



**МИРШАКАР Мирсаид**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Пахтакор № 92, ноҳияи Восеъ***

Соли 1912 дар деҳаи Синдев, ноҳияи Рошткалъа таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Муҳаррири рӯзномаи «Зарбдори сохтмони Вахш», котиби кумитаи комсомолии ноҳияи Шӯрообод, котиби кумитаи комсомолии «Вахшстрой», муҳаррири рӯзномаи «Васияти Ленин», котиби Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, ҷонишини мудири шӯъбаи КМ ҲК Тоҷикистон шуда кор кард. Барандаи Мукофоти Давлатии СССР гардидааст. Раиси Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон буд.

Бо орденҳои Ленин, «Байрақи Сурхи Меҳнат», «Нишони Фахрӣ» мукофотонида шудааст.



**ИБРОҲИМОВА Ниқошбӣ**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Тугарак №93, ноҳияи Восеъ***

Соли 1932 дар деҳаи Хилқодори ноҳияи Мӯминобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик.

Аз соли 1956 узви артели хоҷагии деҳоти ба номи Томини раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии ноҳияи Восеъ буд.



**БӮРИЕВА Иронбӣ**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ховалинг №94, ноҳияи Восеъ***

Соли 1927 дар деҳаи Чангони ноҳияи Восеъ таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ ибтидоӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1949 оғоз намуда, дар совхози «Ховалинг»-и раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Восеъ ҳамчун говдӯши совхоз кор кардааст.



**БОРИСОВ Александр Иванович**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ғарм №95, ноҳияи Ғарм***

Соли 1923 дар вилояти Ростов таваллуд ёфтааст. Миллаташ рус, таҳсилоташ олӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1940 сар кардааст. Котиби Кумитаи Ҳизби коммунисти ноҳияи Кировобод шуда кор кардааст. Соли 1958 Мактаби сесолаи ҷумҳуриявии ҳизбиро хатм намуд. Аз соли 1958 то соли 1963 котиби Кумитаи Ҳизби коммунисти ноҳияи Данғара, котиби кумитаи Ҳизби коммунисти ноҳияи Ғарм шуда кор кард. Аз январи соли 1963 котиби кумитаи Ҳизби коммунисти раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Ғарм буд.



**РАҲИМЗОДА Боқӣ**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Комсомолобод №96, ноҳияи Ғарм***

Соли 1910 дар деҳаи Сорбоғи ноҳияи Ғарм таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Соли 1941 баъди хатми Институти омӯзгории Душанбе муаллим шуда кор кард. Аз соли 1950 то соли 1961 мушовири адабӣ ва аз соли 1961 раиси Шӯрои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон доир ба корбарӣ бо адибони ҷавон буд. Шоир.

Бо орденҳои «Байрақи Сурхи Меҳнат», ду ордени «Нишони Фахрӣ» ва бо медал мукофотонида шудааст.



**НОЗИМОВ Ҷӯрабек**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ломоносов №97, ноҳияи Ғарм***

Соли 1928 дар деҳаи Ҳиҷбораки ноҳияи Ғарм таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёна.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1945 ҳамчун колхозчӣ сар кардааст. Аз соли 1956 сарҷӯпони артели хоҷагии деҳоти «Меҳнат»-и раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Ғарм буд.



**РАҲМАТУЛЛОЕВА Бика**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Навобод №98, ноҳияи Ғарм***

Соли 1933 дар деҳаи Қазноқи ноҳияи Ғарм таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёна.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1948 ҳамчун колхозчии оддӣ сар кардааст. Аз соли 1957 говдӯши артели хоҷагии деҳоти ба номи Горкий, раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Ғарм буд.



**ОЛИМОВ Ҷумъа**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Обигарм №99, ноҳияи Ғарм***

Соли 1932 дар ноҳияи Ғарм таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1952 сар кардааст. Аз соли 1953 то соли 1957 дар Институти омӯзгории шаҳри Душанбе хондааст. Аз соли 1958 то соли 1960 муҳаррири рӯзномаи «Ҳақиқати Ғарм» буд. Аз соли 1962 раиси Комиҷроияи Шӯрои вакилони меҳнаткашони ноҳияи Ғарм кор кардааст.



**ОСИМОВ Муҳаммад Сайфиддинович**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Партизани Сурх №100, ноҳияи Ғарм***

Соли 1920 дар шаҳри Ленинобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ. Номзади илми фалсафа.

Ректори Донишкадаи политехникии шаҳри Душанбе, Вазири маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон, котиби КМ ҲК Тоҷикистон, ҷонишини раиси Шӯрои Вазирон, раиси Кумитаи назорати ҳизбӣ-давлатии КМ ҲК Тоҷикистон ва Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон буд.

Бо орденҳои Ленин, Ситораи Сурх, «Нишони Фахрӣ», медалҳои «Барои меҳнати шуҷоатнок», «Барои мудофиаи Ленинград», «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» ва бо Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

**(Давомаш дар шумораҳои оянда)**

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**

**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78**

# Аз нишастҳои матбуотӣ

## БО ҚАРЗДОР КАРДАНИ ЯКДИГАР ПЕШРАВӢ НАМЕШАВАД

Агар дар нишастҳои Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гап сари кай соҳиби чархбол гардидани кумита равад, пас дар нишастҳои ниҳодҳое чун Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан фақат аз боби қарзҳои ташкилоту идораҳо аз якдигар меравад. Яке аз напардохтани маблағи барқи истифодашуда, дигар аз напардохтани оби истифодашуда, сеюмӣ аз гирифта натавонистани маблағи молу маҳсулоти аз қабили пахтаи супорида шикоят менамояд.

Нишасти матбуотӣ оид ба фаъолияти шашмоҳаи Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби ҷумҳурӣ асосан атрофи масъалаи қарздорӣ сурат гирифт.

- Дар байни ташкилоту идораҳое, ки вазорати мо хизмат мерасонад, теъдоди хоҷагиҳое, ки тамоман имкон ё худ қудрати пардохти маблағи оби истифоданамудаашонро надошта бошанд, ангуштшуморанд. Баръакс, хоҷагиҳои на он қадар тавонманд сари вақт пули обро пардохт менамоянду хоҷагиҳое, ки имконияти пурраи пардохтро доранд, ба кашолкорӣ роҳ медиҳанд. Дар натиҷа, вазорати мо маблағи барқи истифодакардаро супорида натавониста, қарздор мемонад.

Муносибатҳо дар асоси шартномаҳои тарафайн сурат мегиранд. Вазорат уҳдадориҳои худро оид ба таъмини об ба иҷро мерасонад, вале аз тарафи истифодабарандагони об масъулият ҳис намешавад. Бахусус хоҷагиҳои кишоварзӣ ҳаққи хизматрасонии обро дар давраи мазкур ҳамагӣ ба маблағи 16,08 миллион сомонӣ ё ин ки 56 фоиз пардохт намудаанду халос. Қарзи ҳаққи хизмати обрасонӣ, бо назардошти қарзи солҳои пешин 200,4 миллион сомониро ташкил медиҳад. Сохторҳои вазорат барои кори мӯътадили пойгоҳҳои обкашӣ ва чоҳҳои амудӣ дар нимсолаи якум ба миқдори 629,7 млн.кВт/соат неруи барқ бо арзиши 14,1 млн. сомонӣ истифода бурдаанд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 188,7 млн. кВт/соат зиёд мебошад. Қарзи истифодаи неруи барқи вазорат дар назди ШСХК «Барқи Тоҷик» ба ҳолати 1 июли соли 2012, бо назардошти қарзҳои пешина 195,4 миллион сомонӣ буда, қарзи соли ҷорӣ 12,8 миллион сомониро ташкил медиҳад, - изҳор дошт муовини аввали вазир Султон Раҳимов.

Мавсуф ҳамчунин илова намуд, ки дар кори ситонидани ҳаққи ҳалоли хизмати онҳо аз ташкилоту хоҷагиҳои қарздор ҳатто қарорҳои суд низ оҷиз мемонанд.

***Мирзо РУСТАМЗОДА, «Садои мардум»***

Фаъолияти Бунёди миллии иҷтимоии маблағгузории Тоҷикистон - БМИМТ тӯли нимсолаи аввали соли 2012 дар доираи татбиқи марҳилаи дуюми барномаи «Фондҳои ҷамоавӣ барои мусоидати рушди маълумоти асосӣ ва барқарорсозии инфраструктураи коммуналӣ» мӯҳтавои нишасти матбуотиро фарогир буд. Нишастро директори иҷроияи Бунёди миллии иҷтимоии маблағгузории Тоҷикистон Саидаҳмад Мирзоев оғоз намуд.

## МАБЛАҒҲОИ ҶУДОШУДА МАҚСАДНОК ИСТИФОДА ШУДААНД

Мақсади барнома беҳтар намудани шароити таълим дар мактабҳои таълимоти ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ дар минтақаҳои фарогири барнома бо роҳи қисман бунёд кардани инфраструктураи васеи мактабӣ мебошад. Марҳилаи дуюми барнома 20 ноҳияи вилояти Хатлонро фаро мегирад.

Тибқи нақша азхудкунии маблағҳои барнома дар нимсолаи аввали соли 2012 ба андозаи 2400 ҳазор доллари ИМА пешбинӣ шуда, дар асл 1773,1 ҳазор доллари ИМА аз худ карда шудааст, ки ин 73,9 фоизи нақшаи нимсоларо ташкил медиҳад.

БМИМТ ҳанӯз аз оғози марҳилаи дуюми барнома ҳамкориҳои худро бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ хуб ба роҳ монда, қабл аз иҷрои барнома бо раисони ноҳияҳо ёддошти тафоҳум ба имзо расонид. Ин ёддоштҳо барои босифат ва самаранок татбиқ намудани лоиҳаҳои барнома ҷонибҳоро вазифадор менамояд, ки якҷоя дар ҳамкорӣ амал намоянд. Аз оғози барнома ҳамкориҳои БМИМТ бо ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Бонки олмонии рушд (kfw), Ширкати олмонии мушовирии GOPA дар бораи банақшагирӣ ва меъморӣ, Ҷамъияти олмонии ҳамкориҳои байналхалқӣ (giz) ва Хазинаи кӯдакони СММ (UNICEF) идома дорад.

Ҳамкориҳои БМИМТ бо Ҷамъияти олмонии ҳамкориҳои байналхалқӣ дар нимсолаи аввал ҷиҳати амалӣ намудани нақшаи алтернативии истеҳсоли гармӣ аз неруи офтобу гармии замин ва истифодаи он дар лоиҳаҳои мактабии БМИМТ чораён гирифт. Татбиқи ин лоиҳаи таҷрибавӣ дар панҷ мактаб пешбинӣ шудааст.

***Т. АВРАНГЗЕБ, «Садои мардум»***

## ЧОР ИХТИСОСИ НАВ ИЛОВА ГАРДИД

-Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимиро имсол бори аввал чунин теъдоди зиёди ҷавонон, яъне 2297 нафар хатм намуданд,- хабар дод ректори донишгоҳ А. Абдурасулов ва сабаби инро дар илова гардидани охирин хатмкунандагон аз ҳисоби собиқ донишҷӯёни Донишкадаи нақлиёти Тоҷикистон ва дар як вақт бо мутахассисони маълумоти олидор хатм намудани бакалаврҳои факултети соҳибкории муҳандисӣ ва менеҷмент, ки мӯҳлати таҳсилашон чор сол аст, маънидод кард. Аз ҷумлаи рӯйдодҳои нав ба роҳ мондани боз чор ихтисоси иловагӣ ва шомил шудани донишгоҳ бо самти равияи техникӣ ба Донишгоҳи шабакавии кишварҳои ИДМ мебошад. Дар ин замина барои омода кардани магистрҳо бо тарзи таҳсили воридшуда ва имконияти гирифтани дипломи ду донишгоҳ бо Донишгоҳи давлатии федералии Урал шартнома баста, барномаи муштараки таълимӣ таҳия шуд.

-Дар самти фаъолияти илмии устодону донишҷӯён баъзе навгониҳои умедбахш ба назар мерасад. Аз ҷумла вобаста ба пайдо шудани якчанд корҳои характери илмӣ-тадқиқотӣ ва аҳамияти амаливу таҷрибавидошта алҳол барои дутои он грантҳои дохилӣ ба маблағи 5000 сомонӣ ва 10000 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуд. Дастгирии донишҷӯёну устодоне, ки ба чунин навовариҳо ва корҳои босамар даст мезананд, минбаъд боз ҳам дар шакли васеътар ба роҳ монда мешавад,-таъкид намуд ректор. Вай ҳамзамон ба мушкилоти мавҷуда дахл карда, аз рафти қабули довталабони имсола изҳори нигаронӣ кард, зеро ҳоло миқдори қабули ҳуҷҷатҳо нисбати ҳамин давраи соли гузашта қариб 300 воҳид камтар аст. Сабаби инро вай дар он донист, ки бисёре аз хатмкунандаҳои мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии шаҳру навоҳии мамлакат ҳанӯз шаҳодатнома нагирифтаанд. Бинобар ин, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи қабули ҳуҷҷатҳоро то 10 август тамдид намуд.

-Масъалаи бо ҷойи кор таъмин намудани хатмкунандагон низ мушкилоти зиёд дорад. Гӯё талабот ба хатмкунандагони донишгоҳи мо зиёд аст, аммо мониторинги пешакии бозори меҳнат ва ҷобаҷокунии муташаккилонаи хатмкунандагон ҳанӯз ба даст наомадааст, - иброз дошт А. Абдурасулов ва афзуд, ки бо вуҷуди ин дар донишгоҳ сатҳу сифати таълим вобаста ба талаботи замон мунтазам беҳтар мешавад.

***Б. КАРИМОВ, «Садои мардум»***

● Роҳхат ба Бозиҳои XXX олимпии тобистонаи Лондон -2012

# ЗӮРИ БОЗӮЯШ ҶАҲОН ТАСХИР КАРД

***Расул Боқиев – паҳлавони шӯҳратманди тоҷик, барандаи медали биринҷии Бозиҳои XXIX олимпии тобистонаи Пекин-2008 баъди он ки дар мусобиқаи қаҳрамонии Осиё оид ба дзю-до дар шаҳри Тошкент дар вазни то 73 кг соҳиби медали биринҷӣ шуд, ба Бозиҳои XXX олимпии тобистонаи Лондон-2012 роҳхат гирифт. Акнун ӯ дар рейтинги ҷаҳонӣ миёни 33 нафар дар ҷойи 19-ум ва дар рӯйхати олимпӣ дар ҷойи 15-ум қарор дорад.***



... Расул ҳарифи навбатиашро бо як усули хеле зебо (сари китф) ва дар муддати ниҳоят кӯтоҳ, ҳамагӣ ҳафт сония, бардошта ба замин зад ва мухлисонашро беш аз пеш мафтуни ҳунари волои хеш гардонид. –Иппон (ҳалол),- баланд шуд овози довар. Ҳарифи ӯро, ки ниҳоят паҳлавони варзида ва майдондида буд, ғайри ба оғӯш кашидан ва ба тахтапушти Расул ба нишони «аҳсант» тап-тап задан дигар чорае намонд.

Расул дар ин мусобиқаи байналмилалӣ, ки оид ба гӯштии дзю-до дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон соли 2006 сурат гирифта буд, соҳиби ҷойи аввал ва медали тилло гардид. Воқеан, ин бори аввал набуд, ки вай аз шаҳри Остона бо медали тилло ба Ватан бармегашт. Дар ҳамин гуна як мусобиқаи байналмилалии дигар оид ба гӯштии дзю-до, ки низ дар шаҳри Остона (соли 2005) баргузор шуда буд, Расул Боқиев ҷойи якум ва медали тиллоро сазовор гардид.

Расул ба бурди тасодуфӣ (спортивное счастье) бовар надорад. Чун дар давоми ҳафт сония аз дасти ӯ мағлуб шудани ҳарифашро дар Қазоқистон ёдовар шудам, гуфт: Ҳар касе, ки омодагии бештару хубтар дидааст, миёни ҳарифонаш бартарӣ хоҳад дошт, вале,- афзуд ӯ,- майдон майдон аст, андак беаҳамиятӣ зоҳир кардан, ба ҳариф бо назари паст нигаристан, яъне нописандона рафтор намудан, метавонад боиси шикасти паҳлавон гардад, агарчӣ Рустами замон ҳам бошад.

Мо-як гурӯҳ мухлисон (муаллифи ин сатрҳо ва гурӯҳи рафиқон) наворҳои телевизиониро, ки аз ҷараёни баргузории Бозиҳои XXIX олимпии тобистонаи Пекин -2008 омода ва пешкаши тамошобинон гардонида буданд, гаштаю баргашта тамошо мекардем. Ҳунарнамоии Расулро дида, кас ба хулоса меомад, ки ин паҳлавон воқеан ҳам омодагии хуб дидааст. Вале ноҳақии доварон замони ҳунарнамоии вай бо ҳарифи кореягиаш моро сахт асабӣ кард. Паҳлавони кореягӣ баробари панҷа ба панҷа шуданаш бо қаҳрамони мо ҳис кард, ки на бо зӯри қувваи ҷисмонӣ ва на маҳорату ҳунари гӯштигирӣ бо ӯ баробар шуда наметавонад. Аз ин рӯ, ҳамин ки гиребонаш ба дасти Расул мехӯрд, худро ба зону ё ба шикам ба замин мепартофт ва вақтро кашол дода, дили ноҳоҳам аз ҷой мехест. Аммо довари майдон ин ҳамаро нодида мегирифт ва ба ҷойи он ки ба ӯ огоҳӣ диҳад, ба паҳлавони тоҷик огоҳӣ дод. Ноҳақии довар сабаб шуду ба паҳлавони кореягӣ ҷойи дуюм ва ба Расул ҷойи сеюм насиб гардид.

Ба андешаи Расул, варзишгарони мо дар мусобиқаҳои чунин сатҳ ҳамон вақт ғолиб дониста мешаванд, ки нисбат ба ҳарифони худ бартарии комил нишон диҳанд: бо партовҳои пайдарпай холи зиёд ба даст оранд, ё ҳарифро ба тахтапушт хобонанд, ки иппон (ҳалол) баҳогузорӣ шавад. Агар қувваҳо ва холҳо баробар бошанд, метавонанд (аниқтараш ҳамин тавр ҳам мекунанд) бо як огоҳии ноҳақ ҳарифони онҳоро дастболо гардонанд. -Ин гуна ғиромбозиҳо дар ҳама гуна мусобиқаҳои варзишӣ, сарфи назар аз сатҳи баргузориашон, ба чашм мерасанд,-мегӯяд ӯ ва меафзояд: дар мусобиқаҳои варзишии байналмилалӣ, хусусан Бозиҳои олимпӣ, ки ҳар як медали бадастовардаи варзишгар обрую нуфузи давлаташро миёни ҷаҳониён дар сатҳи нав муаррифӣ мекунад, чунин ғиромбозиҳо зиёданд. Ҳодисаҳои харида ва фурӯхта шудани доварон ва баъзан худи варзишгарон низ ба чашм мерасад. Дар чунин мавридҳо аксаран варзишгарони давлатҳои ҳанӯз дар ҷаҳони варзиш ноошно ва ё на он қадар ошно ҳадафи асосӣ қарор мегиранд, чунки онҳо на аз миёни доварон ва на аз миёни мураббиён пуштибонони пурқувvате доранд, ки гапашонро гузаронда тавонанд.

Дар робита бо суоли ман оид ба омодагиаш ба Бозиҳои XXX олимпии тобистонаи Лондон-2012 Расул иброз дошт, ки баъди Бозиҳои олимпии Пекин бо сабаби лат хӯрданаш чанд мӯҳлат дар ягон мусобиқа ширкат варзида натавонист. Бо вуҷуди ин, таҳти роҳбарии мураббияш- Владимир Елчанинов дар Москва тамрин мекард. Ҳамон ҷо соли 2009 дар мусобиқаи қаҳрамонии Россия оид ба гӯштии дзю-до, ки дар шаҳри Налчик баргузор гардид ва дар як мусобиқаи байналмилалии дигаре, ки худи ҳамон сол дар шаҳри Челябинск оид ба гӯштии дзю-до гузаронида шуд, иштирок намуда, дар аввалӣ ҷойи якум ва дар дуввумӣ ҷойи дуввумро сазовор гардид. Соли 2009 инчунин дар шаҳри Гамбурги Германия барои ба даст овардани «Шоҳҷоизаи ҷаҳон» оид ба гӯштии дзю-до ширкат варзида, ҷойи дуввумро ба даст овард. Хулоса, дар доираи имконияту шароити мавҷуда ба Бозиҳои XXX олимпии тобистонаи Лондон- 2012 омодагӣ гирифт. –Вале бояд бигӯям, ки таъкид мекунад ӯ,- барои ҳамаҷониба омодагӣ гирифтан ба чунин мусобиқаҳо шароити олӣ ва маблағи калон зарур аст, ки мутаассифона, дар ҷумҳурии мо чунин имконият мавҷуд нест…

Чанд нафар рафиқонаш, ки зери сояи дарахтон аз гармии офтоб паноҳ бурда, дер боз интизорӣ мекашиданд, диданд, ки суҳбати мо тӯл мекашад, тоқат накарда, Расулро ба назди худ хонданд. Расул узрхоҳон аз назди ман дур шуд. Дидам, ки умеди баргардонданаш нест, бо овози баланд гуфтам: шумо аз дастовардҳои варзишии се соли охири худ ёдовар нашудед…

Рости гап зимни суҳбат эҳсос мешуд, ки Расул чандон майли сухан гуфтан надорад. Аслан ӯ дар замир як ҷавони хеле оддӣ, шармгин ва хоксор аст. Вале ҳоло вазъияти ӯро ман хуб эҳсос мекунам.

Баъди фавти қиблагоҳаш- Худоназар Боқиев, ки яке аз шахсиятҳои маъруфи соҳаи маориф ва варзиш буд, ӯ маҷбур шуд, ки ба таври оҷил тамринро дар Москва қатъ карда, ба Душанбе биёяд.

Худоназар Боқиев (рӯҳаш шод бод) –Устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, Устоди варзиши ИҶШС (СССР), Мураббии шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қаҳрамони 49 каратаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гӯштии миллӣ, самбо, дзю-до ва гӯштии озод, ҷоизадори мусобиқаи қаҳрамонӣ оид ба намуди гӯштии дзю-до миёни ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ буд. Аз ин ҷост, ки диққати фарзандонашро ҳанӯз аз синни панҷсолагӣ ба варзиш ҷалб намуд ва худ мураббии эшон буд. Натиҷаи кӯшишу заҳматҳои шабонарӯзии падар ва мураббӣ- Худоназар Боқиев буд, ки аз ин оила қаҳрамонҳои бисёркаратаи мусобиқаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гӯштии миллӣ, самбо ва дзю-до сабзида, ба воя расидаанд. Инҳо Алишер Боқиев (соли таваллуд 1974), Рустам Боқиев (1978), Расул Боқиев (1982) мебошанд, ки ҳар кадом дорои унвонҳои Устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, Устоди варзиши дараҷаи байналмилалӣ, Мураббии шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Фарзандони хурдии Худоназар Боқиев- Ҳаким ва Акбар Боқиевҳо низ ба дастовардҳои зиёди варзишии сатҳи ҷумҳурӣ ноил гаштаанд.

Агар дастовардҳои варзишии ин оиларо дар мусобиқаҳои сатҳи ҷумҳурӣ, Осиёи Марказӣ, Осиё ва ҷаҳон номбар кунем, саҳифаҳои зиёд пур мешаванд. Шоистааст, ки дар бораи ҳар кадоми онҳо китоби алоҳидае таълиф гардад. Хона-музейи оилаи Боқиевҳоро тамошо карда, кас ба ҳайрат меафтад. Шумораи медалҳоро дида, бовар намекунед, ки ин ҳама натиҷаи дастовардҳои варзишии як оила аст. Хона- музейи эшон на танҳо боиси фахри як оила ё ноҳия, балки тамоми ҷумҳурист…

-Бародарам Расул вақти дар Тоҷикистон буданаш то замони дар ҳаёт будани падарам назди ӯ тамрин мекард. Ҳоло ки падар дар ҳаёт нестанд, ман худам бо ӯ машғулият мегузаронам,- мегӯяд Алишер Боқиев- бародари калонии Расул.

Аз идомаи суҳбат бо Алишер маълум шуд, ки дастовардҳои варзишии Расул, берун аз ҷумҳурӣ, асосан аз соли 2003 оғоз шудааст.

-Вақте ки Расул ғолиби Бозиҳои 5-уми Осиёи Марказӣ (2003) аз намуди гӯштии Кураш гардид, ҳамагӣ 21 сол дошт. - Худи ҳамон сол дар Бозиҳои 5-уми Осиёи Марказӣ оид ба гӯштии дзю-до ҷойи дуввумро соҳиб шуд,- гуфт ӯ.

Баъди ошноӣ бо тарҷумаи ҳоли Расул шахс ба хулосае меояд, ки ҳар як соли фаъолияти варзишии ӯ омӯзишу таҳлил ва маводи алоҳидаро мехоҳад, зеро солеро ба гумон аст пайдо кард, ки Расул ба дастоварди варзишие ноил нагашта бошад. Ба иловаи он чӣ ки дар боло овардем, Расул ҳамчунин Қаҳрамони ҷаҳон оид ба намуди гӯштии Кураш (2005, Тошкент, Ӯзбекистон), ғолиби мусобиқаи байналмилалӣ оид ба гӯштии дзю-до (2006, шаҳри Йошкар- Олаи Федератсияи Россия), ғолиби мусобиқаи байналмилалӣ оид ба намуди гӯштии дзю-до (2011, Рим, Италия), соҳиби «Шоҳҷоизаи ҷаҳон» оид ба намуди гӯштии дзю-до (2010, Будапешт, Венгрия), барандаи «Ҷоми ҷаҳон» оид ба намуди гӯштии дзю-до (2010, Мисри Араб), Қаҳрамони Россия оид ба намуди гӯштии дзю-до ва самбо миёни кормандони ВКД (2011), барандаи «Ҷоми ҷаҳон» оид ба намуди гӯштии дзю-до (2011, Бухарест, Румыния), барандаи «Ҷоми ҷаҳон» оид ба намуди гӯштии дзю-до (2011, Алмаато, Қазоқистон), соҳиби «Шоҳҷоизаи ҷаҳон» оид ба намуди гӯштии дзю-до (2012, Алмаато, Қазоқистон) мебошад.

Расул Боқиев барои саҳми арзандааш дар пешрафту ташаккули соҳаи варзиш дар мамлакат ва дастовардҳои шоистаи варзишиаш дар сатҳи байналмилалӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ордени «Шараф» дараҷаи 2 қадрдонӣ шудааст.

... Рӯзи 27 июл аввалин баромади Расул Боқиев аз рӯйи намуди гӯштии дзю-до дар Бозиҳои XXX олимпии тобистонаи Лондон- 2012 баргузор мегардад. Мо ба ӯ барор орзу карда, ҳамчун қаҳрамони олимпӣ ба Тоҷикистон баргаштанашро хоҳонем.

***Неъматулло СОЛЕҲОВ, «Садои мардум»***

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Озмуни №14-ро оиди ба иҷора супоридани амволи давлатӣ 15 августи соли 2012 баргузор менамояд

| т/р | Мавқеи ҷойгиршавии объекти иҷора | Суроға | Тавзеҳоти объекти иҷора | Таъинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора | Мӯҳлати иҷора |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | ш.Душанбе, к.Титов 32/2 | масоҳати 75,15 м² аз ҳисоби ҳудуд ва биноҳои фурудгоҳ | ҷойгиркунии реклама | 12617 | 1 сол |
| 2 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии ш.Хоруғ» | ш.Хоруғ | масоҳати 43,57 м² аз ҳисоби ҳудуд ва биноҳои фурудгоҳ | ҷойгиркунии реклама | 5029 | 1 сол |
| 3 | МД «Театри давлатии академии драмавии ба номи А.Лоҳутӣ» | ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 86 | масоҳати 16 м² аз ҳисоби ошёнаи 1-уми бино | сартарошхона | 2076 | 1 сол |
| 4 | МД «Театри давлатии академии драмавии ба номи А.Лоҳутӣ» | ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 86 | масоҳати 20 м² аз ҳисоби ошёнаи 1-уми бино | савдо | 2595 | 1 сол |
| 5 | МД «Театри давлатии академии драмавии ба номи А.Лоҳутӣ» | ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 86 | масоҳати 25 м² аз ҳисоби ошёнаи 1-уми бино | савдо | 3244 | 1 сол |
| 6 | МД «Театри давлатии академии драмавии ба номи А.Лоҳутӣ» | ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 86 | масоҳати 20 м² аз ҳисоби ошёнаи 1-уми бино | хӯроки умумӣ | 2595 | 1 сол |
| 7 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | 1 утоқи корӣ бо масоҳати 10,3 м² дар ошёнаи 14-ум | маъмурӣ | 1235 | 1 сол |
| 8 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | 1 утоқи корӣ бо масоҳати 10,3 м² дар ошёнаи 14-ум | маъмурӣ | 1199 | 1 сол |
| 9 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | 1 утоқи корӣ аз ҳисоби ошёнаи 12-ум, масоҳаташ 11,3 м² | маъмурӣ | 1287 | 1 сол |
| 10 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | 1 утоқи корӣ аз ҳисоби ошёнаи 12-ум, масоҳаташ 11,3 м² | маъмурӣ | 1287 | 1 сол |
| 11 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | 2 утоқи корӣ аз ҳисоби ошёнаи 8-ум, масоҳаташ 23 м² | маъмурӣ | 2619 | 1 сол |
| 12 | Комбинати полиграфӣ | ш.Душанбе, к.Айнӣ 126 | масоҳати 48 м² аз ҳисоби ошёнаи 1-уми бино | истеҳсолӣ | 1712 | 1 сол |
| 13 | Комбинати полиграфӣ | ш.Душанбе, к.Айнӣ 126 | масоҳати 120 м² аз ҳисоби ҳудуди корхона | истеҳсолӣ | 2377 | 1 сол |
| 14 | Корхонаи воҳиди давлатии «Садаф» | ш.Хуҷанд, минтақаи саноатии шимолу шарқӣ | масоҳати 3012 м² аз ҳисоби ҳудуд ва биноҳои истеҳсолӣ | истеҳсолӣ | 60280 | 2 сол |
| 15 | Корхонаи воҳиди давлатии «Садаф» | ш.Хуҷанд, минтақаи саноатии шимолу шарқӣ | масоҳати 120 м² аз ҳисоби ошёнаи 1-уми бино | истеҳсолӣ | 2308 | 2 сол |
| 16 | Корхонаи воҳиди давлатии «Садаф» | ш.Хуҷанд, минтақаи саноатии шимолу шарқӣ | масоҳати 170 м² аз ҳисоби ошёнаи 1-уми бино | истеҳсолӣ | 3542 | 2 сол |
| 17 | КВ «Экспедитсияи ҷустуҷӯӣ ва аксбардории геологӣ» | ш.Душанбе, к.М.Турсунзода 25 | 1 утоқи корӣ, масоҳаташ 14 м² | маъмурӣ | 2069 | 2 сол |
| 18 | Бинои хобгоҳ, воқеъ дар ш.Душанбе, к.П.Ханжин, мансуб ба моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар истифодабарии Пойгоҳи ҳарбии Россия дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад | ш.Душанбе, к.П.Ханжин 1/2 | 4 утоқи корӣ аз ҳисоби ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 72 м² | савдо | 5179 | 1 сол |
| 19 | Корхонаи автомобилии Сарраёсати давлатии сохтмону монтажи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Южнообходная 200 | масоҳати 200 м² аз ҳисоби ҳудуди корхона | истеҳсолӣ | 1317 | 1 сол |
| 20 | Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Ф.Ниёзӣ 37 | масоҳати 163,2 м² аз ҳисоби бинои корхона | хӯроки умумӣ | 4665 | 2 сол |
| 21 | Хоҷагии ниҳолпарварии ба номи М.Турсунзодаи ноҳияи Шаҳринав | н. Шаҳринав, деҳаи Боғистон | масоҳати 84,8 м² аз ҳисоби бинои ҷойхона | савдо | 2151 | 3 сол |
| 22 | ҶСК «Тоҷик Эйр» | ш.Душанбе, к.Титов 32/1 | масоҳати 125,4 м² аз ҳисоби бинои корхона | савдо | 14774 | 2 сол |
| 23 | КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | ш.Турсунзода | масоҳати 4940 м² аз ҳисоби бинои «Маркази савдо»-и корхона | савдо | 106177 | 1 сол |
| 24 | Корхонаи давлатии таъминот ва савдои «Китоб» | ш.Душанбе, к.Н.Қарабоев 17 | масоҳати 128,2 м² дар ошёнаи 1-уми бинои маъмурӣ | маъмурӣ ва дӯзандагӣ | 4486 | 2 сол |
| 25 | Корхонаи давлати таъминот ва савдои «Китоб» | ш.Душанбе, к.Н.Қарабоев 17 | масоҳати 253,4 м² дар ошёнаи 1-уми бинои маъмурӣ | савдо | 17736 | 2 сол |
| 26 | Театри давлатии «Лӯхтак» | ш.Душанбе, к.Шотемур 54/1 | масоҳати 109 м² аз ҳисоби ҳудуд ва биноҳои театр | маъмурӣ ва истеҳсолӣ | 8378 | 1 сол |
| 27 | Маркази миллии патенту иттилоот | ш.Душанбе, к.Айнӣ 14а | 2 утоқ бо масоҳати умумии 60,6 м² | хӯроки умумӣ | 2663 | 1 сол |
| 28 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ёвонгаз» | ш.Ёвон | қитъаи хати гази СГТ-5 коргоҳи оҳакбарорӣ бо масофаи 9 км | истеҳсолӣ | 24804 | 1 сол |
| 29 | Идораи давлатии хоҷагии оби «Каттасой»-и шаҳри Истаравшан | ш.Истаравшан, к.Т.Холиқов 13 | обанбор, масоҳаташ 70 га | моҳипарварӣ | 15000 | 3 сол |
| 30 | Маркази миллии ташхис | ш.Душанбе, к.Деҳотӣ 48 | 2 утоқи корӣ, масоҳаташ 33 м² | маъмурӣ | 4153 | 2 сол |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии озмун- **ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 44. Тел: 221-73-74, 221-33-66. Озмун соати 10⁰⁰** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як иншоот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Иҷорагир ба ҳисоби Корхона боҷи комиссиониро ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби Корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамояд, ки ин маблағҳо ба арзиши иншооти иҷора дохил намешаванд. Ғолиби озмун он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани озмун бо нишонии зерин: ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 44, тел: **221-33-66, 221-49-87, 221-73-74**, сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**17 августи соли 2012 музоядаи №15-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан истифодашуда баргузор менамояд**

| т/р | Тамға | Рақами давлатӣ | Соли барориш | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ВАЗ-2106 | 16-07 В 01 | 2005 | Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 9291 |
| 2. | ВАЗ-21061 | 48-62 А 01 | 2002 | Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 8573 |
| 3. | ВАЗ-21061 | 48-63 А 01 | 2002 | Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 8573 |
| 4. | ВАЗ-21074 | 58-22 А 01 | 2002 | Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 10537 |
| 5. | ВАЗ-21074 | 04-13 В 01 | 2004 | Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 7500 |
| 6. | ВАЗ-2107 | 76-35 А 01 | 2003 | Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 8176 |
| 7. | ВАЗ-21070 | 14-87 В 01 | 2004 | Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 10834 |
| 8. | ВАЗ-21093 | 15-60 А 01 | 1996 | Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 3873 |
| 9. | ВАЗ-21213 | 34-21 В 01 | 2002 | Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 12704 |
| 10. | ГАЗ-3102 | 50-63 А 01 | 2000 | Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 16221 |
| 11. | ГАЗ-3102 | 55-66 А 01 | 2002 | Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 24585 |
| 12. | ГАЗ-3102 | 08-13 В 01 | 2001 | Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 15107 |
| 13. | УАЗ-315143 | 01-77 В 01 | 2004 | Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 46289 |
| 14. | ГАЗ-3110 | 65-08 А 01 | 1998 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 11448 |
| 15. | ГАЗ-3102 | 011 ВС 01 | 2001 | Сарпрокуратураи ҳарбӣ | 8239 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда- **ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад. Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда барои воситаҳои нақлиёт ба 15 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74,** сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW. GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**17 августа 2012 года проводит аукцион №15 по продаже транспортных средств, ранее бывших в употреблении**

| п/н | Марка | Гос. номер | Год выпуска | Адрес | Стартовая цена (в сомони) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ВАЗ-2106 | 16-07 В 01 | 2005 | Государственное унитарное предприятие «Таджикская железная дорога» | 9291 |
| 2. | ВАЗ-21061 | 48-62 А 01 | 2002 | Государственное унитарное предприятие «Таджикская железная дорога» | 8573 |
| 3. | ВАЗ-21061 | 48-63 А 01 | 2002 | Государственное унитарное предприятие «Таджикская железная дорога» | 8573 |
| 4. | ВАЗ-21074 | 58-22 А 01 | 2002 | Государственное унитарное предприятие «Таджикская железная дорога» | 10537 |
| 5. | ВАЗ-21074 | 04-13 В 01 | 2004 | Государственное унитарное предприятие «Таджикская железная дорога» | 7500 |
| 6. | ВАЗ-2107 | 76-35 А 01 | 2003 | Государственное унитарное предприятие «Таджикская железная дорога» | 8176 |
| 7. | ВАЗ-21070 | 14-87 В 01 | 2004 | Государственное унитарное предприятие «Таджикская железная дорога» | 10834 |
| 8. | ВАЗ-21093 | 15-60 А 01 | 1996 | Государственное унитарное предприятие «Таджикская железная дорога» | 3873 |
| 9. | ВАЗ-21213 | 34-21 В 01 | 2002 | Государственное унитарное предприятие «Таджикская железная дорога» | 12704 |
| 10. | ГАЗ-3102 | 50-63 А 01 | 2000 | Государственное унитарное предприятие «Таджикская железная дорога» | 16221 |
| 11. | ГАЗ-3102 | 55-66 А 01 | 2002 | Государственное унитарное предприятие «Таджикская железная дорога» | 24585 |
| 12. | ГАЗ-3102 | 08-13 В 01 | 2001 | Государственное унитарное предприятие «Таджикская железная дорога» | 15107 |
| 13. | УАЗ-315143 | 01-77 В 01 | 2004 | Государственное унитарное предприятие «Таджикская железная дорога» | 46289 |
| 14. | ГАЗ-3110 | 65-08 А 01 | 1998 | Генеральная прокуратура Республики Таджикистан | 11448 |
| 15. | ГАЗ-3102 | 011 ВС 01 | 2001 | Главная военная прокуратура | 8239 |

Приём заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74.**

Метод проведения: ***английский.*** Время проведения **$10^{00}$ часов.**

Гарантийный взнос для участия в аукционе равен 15 показателям для расчетов за один лот и принимается наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП по организации продаж государственного имущества. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74,** на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyada-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW. GKI.TJ**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**17 августи соли 2012 музоядаи №17-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул баргузор менамояд**

| т/р | Номгӯйи иншоот | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1. | Анборҳои базаи филиали Муассисаи давлатии муҳофизати растаниҳо ва химикунонии кишоварзии вилояти Суғд | вилояти Суғд, ноҳияи Б. Ғафуров | 1200000 |
| 2. | Як қисми воситаҳои асосии филиали ҶСК «Тоҷиктелеком» | ш. Исфара | 1000 000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда- **ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, ш. Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-96-40-16.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад. Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, ш. Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-96-40-16,** сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW. GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**17 августа 2012 года проводит аукцион №17 по продаже недвижимости**

| п/н | Принадлежность | Адрес | Стартовая цена (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1. | Складские помещения филиала базы Государственного предприятия защиты растений и химизации сельского хозяйства Согдийской области | Согдийская область, Б.Гафуровский район | 1200000 |
| 2. | Часть основных средств филиала ОАО «Точиктелеком» | г.Исфара | 1000 000 |

Приём заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, г. Худжанд, ул. Ленина 47/1, тел: 927-96-40-16.**

Метод проведения: ***английский.*** Время проведения **$10^{00}$ часов.**

Гарантийный взнос для участия в аукционе равен 350 показателям для расчетов за один лот и принимается наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП по организации продаж государственного имущества. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, г. Худжанд, ул. Ленина 47/1, тел: 927-96-40-16**, на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyada-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW. GKI.TJ**

## REQUEST FOR EXPRESSIONS OF INTEREST (CONSULTANT SERVICES)

**Republic of Tajikistan**
**Additional Financing for Municipal Infrastructure Development Project (AF MIDP)**
**Grant No.: H7690-TJ**

**Reference No: AF MIDP 029**

The Republic of Tajikistan has applied for financing from the World Bank toward the cost of the Additional Financing for Municipal Infrastructure Development Project and intends to apply part of the proceeds for consulting services.

The assignment concerns a technical, fiduciary and safeguard audit for the goods purchased and the use of such goods for the 2012 anticipated flood emergency services response(river embankment rehabilitation works). The objective of the assignment is to ascertain whether all materials procured for the purpose of emergency services response works and that have been submitted to the Bank for financing retroactively have been used for the intended purposes of river embankment in anticipation of 2012 floods. The expected starting time for the assignment is August, 2012. The duration of the contract is till September, 2012.

The Project Management Unit now invites eligible consultants to indicate their interest in providing the services. Interested consultants must provide information indicating that they are qualified to perform the services (description of similar assignments, experience in similar conditions, availability of appropriate skills among staff, etc.). Consultants may associate to enhance their qualifications.

A consultant will be selected in accordance with the procedures set out in the World Bank's *Guidelines: Selection and Employment of Consultants under IBRD Loans and IDA Credits & Grants by World Bank Borrowers* (January 2011).
A Consultant will be selected in accordance with the CQS method.

Interested consultants may obtain further information at the address below during office hours from *09:00 to 17:00 hours (local time)*.

Expressions of interest must be delivered to the address below by August 07, 2012.

Project Management Unit
Attn: Mr. J. Tabarov, Director
56 Karabaev Str.,
Dushanbe, Republic of Tajikistan
Tel. : (992372) 33 88 25, 33 13 30
Fax: (992372) 33 88 25, 33 13 30
E-mail: office@midp.tj






## ДАЪВАТНОМА БАРОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН

**Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон** барои хариди муҳаррики баркӣ довталабони салоҳиятдорро даъват мекунад.

| т/р | Номгӯйи муҳаррик | Ченак | Адад |
|---|---|---|---|
| 1 | ВДС 235/69-16УХЛ4 | 8000кВт/375г/д | 1 |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба суроғаи зерин: ш.Душанбе, кӯчаи Шамсӣ 5/1, Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, тел: 235-35-54 муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда ба суроғаи дар боло зикршуда 28 июли соли 2012 то соати $10^{00}$ пешниҳод намоянд.

Cardno
Shaping the Future

## Эълон

Ширкати Кардно Эмерҷинг Маркетс Груп, ИМА ЛТД оид ба хариди 65 дона контейнери оҳанини ҳаҷмаш 0,75 $м^3$ барои лоиҳаи грантии хурди «Ташкили хизматрасонӣ оид ба ҷамъоварӣ ва кашонидани партовҳои сахти маишӣ дар ноҳияи Рудакӣ тавассути ҷорӣ намудани шаклҳои муосир бо истифода аз мошини махсусгардонидашуда ва контейнерҳо» **музояда эълон** мекунад.

Ба ғолиби музояда шартнома бо нархи қатъие, ки дар рафти иҷрои кор бетағйир мемонад, баста мешавад.

Барои иштирок дар музояда пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зерин зарур аст:
· дархости таҳвили кору хизматрасонӣ;
· нусхаи шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии корхона;
· нусхаи шаҳодатномаи РМА;
· маълумот оид ба тахассуси таҳвилгар;
· маълумот оид ба надоштани қарз аз нозироти андоз.

Ҳангоми пешниҳод накардани яке аз ҳуҷҷатҳои дар боло зикргардида, дархост барои иштирок дар музояда рад карда мешавад.

Корхонаҳои ҳавасманд маълумоти иловагӣ ва намунаҳои ҳуҷҷатҳоро метавонанд аз суроғаи зерин дастрас кунанд: **Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Шотемур 59/4.**

Телефон барои маълумот 985-61-77-90.

Мӯҳлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо: -соати $12^{00}$, 31 июли соли 2012.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

➢**Номаи камоли Т-ШТУ №0290616-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 79-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2009 ба Меҳроби Аюбхон додааст, эътибор надорад.**

➢**Дипломи силсилаи ИВ №978776-и гумшуда, ки онро Институти тиббии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон) ба номи Абӯалӣ ибни Сино соли 1984 ба Абдуллоева Ойша Махмадуллоевна додааст, эътибор надорад.**

➢**Дипломи силсилаи ПТ №256011-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе 5 июли соли 1991 ба Камолова Барно Эшмурадовна додааст, эътибор надорад.**

➢**Номаи камоли силсилаи БР №260015-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №3-и ноҳияи Ҳисор соли 1986 ба Бакиров Икромжон Деҳқонбоевич додааст, эътибор надорад.**

➢**Дипломи ЗВ №824242-и гумшуда, ки онро Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб соли 1982 ба Соибназаров Гулмурод додааст, эътибор надорад.**

➢**Мӯҳри гумшудаи ҶДММ «Бозпас» эътибор надорад.**

➢**Номаи камоли силсилаи БП №177356-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №11-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 1970 ба Боймирзоева Моҳира додааст, эътибор надорад.**

➢**Шаҳодатномаи хизматии силсилаи БД №001174-и гумшуда, ки онро шӯъбаи Хадамоти давлатии муҳофизаи Вазорати корҳои дохилии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2007 ба Сангимуродов Абдуғаффор Бобоҷонович додааст, эътибор надорад.**

➢**Шартномаи тӯҳфашудаи 3\7 ҳиссаи хона таҳти феҳристи №1 Ш-166-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Шевченко, хонаи 75-24 «б»-и ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе соли 2008 ба Мирзоева Давлатой Тағоевна додааст, эътибор надорад.**

➢**Шиносномаи техникии №10006-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе бо суроғаи , кӯчаи Шевченко, хонаи 75-24 «б» - и ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе соли 2008 ба Мирзоева Давлатой Тағоевна додааст, эътибор надорад.**

## Барҳам мехӯрад

➢Шаҳрванд Тағоев Алишер Зоирбоевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0162181 бо РЯМ 1230060911 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 30 июни соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Сангинмуродов Лутфулло Султонович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0151219 бо РЯМ 0430068119 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 13 декабри соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Қурбонова Саҳодат Ҳасановна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0123864 бо РЯМ 0430054781 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 4 августи соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Садои МАРДУМ

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: *sadoimardum@yandex.ru*

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 25 июли соли 2012, соати 12.30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 24137 нусха

Навбатдори шумора
Тилло Неккадамов

Тарроҳони компютерӣ
И. Самохин ва Н. Исмоилова